**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Андозбандии ғайримустақим яке аз унсурҳои муҳимми сиёсати андозӣ ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади таъмин намудани даромади буҷет, танзими талабот ва пешниҳод, инчунин ҳифзи истеҳсолоти миллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисод татбиқ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳалаи рушди иқтисоди бозорӣ қарор дорад, андозбандии ғайримустақим дар танзими равандҳои иқтисодӣ ва таъмини суботи молиявӣ нақши калидӣ дорад. Андозбандии ғайримустақим ба андозҳое дохил мешавад, ки ба маҳсулот ва хизматрасониҳо вобастаанд ва бевосита аз истеъмолкунандагон ситонида мешавад. Аммо, истифодаи барзиёд аз андозҳои ғайримустақим метавонад боиси афзоиши нархи маҳсулот дар бозор гардад, ки ин ба камбуди қобилияти харидории аҳолӣ ва паст шудани сатҳи зиндагӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, сиёсати андозбандии ғайримустақим бояд дуруст ва бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ ва иҷтимоии ҷомеа амалӣ гардад.

Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф исбот гардидааст, ки давлат ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ ба миқдори зарурии манбаъҳои молиявӣ ниёз дорад. Воқеан ҳам андозҳои мустақим ва ғайримустақим ҳамчун манбаи асосии ин захираҳо хизмат мекунанд ва бо ҳамин мақсад дар ҳамаи мамлакатҳо низоми андозбандӣ ба таври самаранок ба кор бурда мешавад. Инчунин, муаллиф дар таҳқиқоти худ ҳангоми омӯзиши таҳлили амиқи андешаҳои муҳаққиқони соҳа, ки ба хусусиятҳои фарқкунандаи андозҳои мустақим ва ғайримустақим иртибот доранд, чор равияи назариявиро ҳамчун консепсияҳои муҳимми илмӣ ҷудо ва гурӯҳбандӣ намудааст, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст (саҳ.11).

Маврид ба зикр аст, ки танзими андоз аз рӯйи принсипҳои муайян дар амал татбиқ карда мешавад. Аз ҳамин хотир, дар сатҳи дохилӣ ба тартиботи умумӣ ҳамоҳанг кардани он шарти муҳим буда, ин бо роҳи ҳатмии принсипҳои танзими андоз ба даст меояд. Вобаста ба ин, дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки принсипи танзими андоз барои татбиқи амалии воситаҳои андоз заминаи назариявӣ буда, тасаввуроти муосирро дар бораи нақши андозҳо дар иқтисодиёт инъикос мекунанд. Дар баробари ин, муаллиф низоми принсипҳои танзими андозро дар шакли расм хеле хуб таҳия намудааст, ки ин принсип дар навбати аввал аз принсипҳои танзими давлатии иқтисодиёт ва дуюм аз принсипҳои андозбандӣ бармеоянд (расми 1, саҳ. 15).

Диссертант дар натиҷаи таҳқиқот тамоюли ҳаҷми даромадҳо аз андозҳои ғайримустақимро то соли 2030 таҳлил намудааст. Дар диаграммаи таҳиянамудаи муаллиф ҳаҷми даромадҳо аз андозҳои ғайримустақим барои давраи 2025-2030 дарҷ гардида, маълум мегардад, ки ҳаҷми даромадҳо аз андозҳои ғайримустақим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2030 нисбат ба соли 2025 1,9 маротиб, яъне аз 16,3 млрд. сомонӣ то 31,4 млрд. сомонӣ меафзояд (саҳ. 27).

Аз натиҷаи таҳлили гузаронидаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ чунин бармеояд, ки дар давраи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, нақши андозҳои ғайримустақим, махсусан андоз аз арзиши иловашуда дар ғанигардонии буҷети давлатӣ ва танзими иқтисодиёт афзоиш меёбад.

Қобили қайд аст, ки дар автореферати диссертатсия методҳои муқоиса ва таҳлил бамаврид истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пайи ҷумлаҳо бо услуби илмӣ-коргузорӣ ва бо забони асл тоҷикӣ эҷод шудаанд. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари бартариятҳои болозикр дар автореферати диссертатсия, ҳамзамон хубтар мешуд, агар унвонҷӯ пешниҳоди зеринро ба назари эътибор мегирифт: Муаллиф дар саҳифаи 23-и автореферати диссертатсия қайд кардааст, ки низоми муосири андоз дар шароити имруз яке аз қисмҳои асосии иқтисодиёт ва бахши иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Хуб мебуд, ки муаллиф ҷанбаҳои иҷтимоии истифодаи андозҳои ғайримустақим ва хусусиятҳои маъмурии татбиқи онро дар кишвар ба таври амиқтар таҳлил мекард.

Пешниҳоди таъкидшуда ҷузъӣ буда, арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ дорад. Таҳқиқот мавзуи аҳамиятнокро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя ироагардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва тасаввуроти муҳаққиқро оид ба андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёт васеъ месозанд, ки ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Хулоса, бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори фалсафа (PhD), дотсенти
кафедраи молияи МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Гулов Б.М.

*Дурустии имзои Гулов Б.М.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*